**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия

______________ П.А. Насуриён
«12» ____05.______ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат).**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон пажуҳиши илмии анҷомёфта буда, аз ҷониби муаллиф ҳаматарафа таҳқиқ гардидааст ва яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқиро дар бар гирифта, мазмун ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ гардидааст, мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ:** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муосир ва мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, яъне масъалаҳои рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он инъикос мегардад, ки фаъолияти судҳои иқтисодӣ ҳамчун низоми алоҳидаи ҳокимияти судии ҷумҳурӣ баҳри баамалбарории адолати судӣ оид ба ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳоеро, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бармеоянд ва бо амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳо инчунин дигар ташкилоту шаҳрвандон алоқаманд равона гардидааст. Ҳокимияти судӣ дар раванди бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд ва таъмини адолати судӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷомеа ва таҳкими рушди устувори давлату давлатдории ҳар миллат нақши

муҳим доранд. Зарурияти мавҷуд будани судҳои иқтисодӣ дар низоми судиро бештари олимони ин соҳа асоснок эътироф мекунанд, зеро дар натиҷаи пайдоиши шаклҳои гуногуни моликият ва рушди бемайлони он баҳсҳое ба миён меоянд, ки мазмуни молумулкӣ ва иқтисодиро дошта, ба муносибатҳои пуливу молӣ, қарз, соҳибкорӣ ва тиҷорат алоқаи зич доранд. Бахри саривақт ҳал намудани чунин баҳсҳо судҳои иқтисодӣ таъсис дода шуданд, ки аҳамияти хоссаро ҳамчунин дар низоми судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон касб намуда, мавқеи муайянро ишғол менамоянд.

Бояд қайд кард, ки мавқеи суд дар ҷомеаи муосир ба таври гуногун арзёбӣ мешавад, ки ҳам қувват ва ҳам заъфҳои онро инъикос мекунад. Албатта, ин вазъият таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки дар он ба таърихи ташаккули низомҳои гуногуни судӣ, аз қабили судҳои иқтисодӣ дар давраи рушди давлат аҳаммияти калон дорад. Мубрамияти мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтани фаъолияти судҳои иқтисодӣ бо он аҳаммиятнок аст, ки аксарияти кишварҳои ҷаҳон аз он ҷумла, Тоҷикистон ба фаъолияти соҳибкорӣ диққати асосӣ дода, бахри боз ҳам ривоҷу равнақ ёфтани он кӯшиш карда истодаанд.

Ҷиҳати дарки масъалаи зикргардида зарурати гузаронидани таҳқиқоти илмӣ аз нуқтаи назари таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ ба миён омад. Омӯзиши илмӣ дар ин самт имконият медиҳад, ки ҷиҳатҳои мусбат ва манфии таъмини масъалаи мазкур дар Тоҷикистон ва ИДМ муайян гардида, ҷанбаҳои мусбати он мавриди омӯзиш ва корбарӣ қарор гиранд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар кишвар ҷиҳати таъмини бо сифати ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои хусусияти иқтисодӣ доштаи инсон ва шаҳрванд ва фаъолияти бо самари ҳокимияти судӣ пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд. Дар шароити муосир дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибатҳои хусусияти иқтисодӣ дошта дигаргун шуда, маҳз фаъолияти соҳибкориву муносибатҳои бозоргонӣ омили асосии таъмини ҳаёти шоистаи ҳар як фарди ҷомеа мегардад. Аз ин рӯ, кишвари мо низ ба ин самт назари бештарро зоҳир намуда, бахри беҳбуд гардонидани ҳаёти иқтисодии шаҳрвандонаш кӯшишҳои зиёд карда, онро дар сатҳи қонунгузории миллӣ, аз он ҷумла дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам кардааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар Паёми ҳарсолаи худ нисбат ба фаъолияти соҳибкорон, оид ба дастгирии онҳо таъкид намуда, ҳамасола сипоси худро дар саҳми арзандаи онҳо дар таъсиси иншоотҳои фарҳангиву маърифатӣ мерасонанд.

Ҳамаи нуктаҳои дар боло зикршуда мубрамияти мавзуи интихобшуда ва зарурати таҳлили комплексии онро дар шароити муосир нишон медиҳанд.

**3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд:** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» арзишманд буда, натиҷаҳои он аз таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи амалияи судӣ ва адабиёти илмӣ бармеоянд. Ба муаллиф муяссар шудааст, ки дар доираи пажуҳиши гузаронидашуда шарҳи фаъолият ва салоҳиятҳои судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ ва инчунин баҳри дуруст ва комилан дарк намудани таркиб ва сохторҳои онро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, онро дар қонунгузории миллӣ ва муқоиса бо қонунгузории хориҷӣ таҳлил намояд.

Қайд намудан зарур аст, ки унвонҷӯ дар ҳалли масъалаҳои илмие, ки вобаста ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба нақш ва фаъолияти судҳои иқтисодӣ мебошад, саҳми назарраси худро гузоштааст. Ҳамзамон, мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва такмили қонунгузории мамлакат метавонанд саҳми назаррас гузоранд, аз ҷумла: а) дар доираи асосҳои назариявии таҳқиқот, аз ҷониби муаллиф мафҳумҳои асосӣ ва ҷузъҳои таркибии он, инчунин тавсифи моҳияти фаъолияти судҳои иқтисодӣ таҳқиқ карда шудааст; б) дар доираи асосҳои таърихӣ, аз ҷониби муаллиф раванди таҳаввулоти ташаккул ва рушди фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар доираи се марҳилаи таъсисёбӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҷанбаҳои мусбати ҳар як марҳилаи зикршуда муайян карда шудааст; в) дар асоси истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷониби муаллиф таҳлили муқоисавии қонунгузории ватанӣ бо қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ дар ин самт гузаронида шудааст; г) дурнамои рушд ва таҳлили ҳамаҷонибаи тадбирҳо оид ба дигаргунсозии низоми судӣ ва тақвияти самаранокии он пешниҳод карда шудаанд.

Муаллиф дар пажуҳиши илмии худ мафҳумҳо ва ақидаҳоро дар бораи фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ таҳия ва коркард намуда, тавсияҳои илмию амалӣ оид ба самаранокии фаъолияти мақомоти судӣ, риояи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии инсон ва шаҳрванд аз ҷониби ин мақомот ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандони мақомоти судӣ ва шахсонро пешниҳод намудааст. Фикри мазкур ба натиҷаҳои эътирофшудаи илмӣ, маводи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ асос ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқот ба омӯзиши ҳамаҷонибаи назариявию амалии фаъолияти судҳои иқтисодӣ, таҳлили хулосаҳои бадастомада,

пешниҳодҳо ва хулосаҳои илман асоснокшуда дар рисолаи муаллиф пешниҳодгардида, навоварии илмии самти фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ алоқаманд аст.

Хулоса, муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ кӯшиш намудааст, ки нуқтаи назари худро баён намояд, лаҳзаҳои баҳснокро ҷудо намуда, таваҷҷуҳро ба ақидаҳои нав ҷалб карда, фаҳмиши худро дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки дар ин самт ба миён меоянд, пешкаш намояд.

Ҳамзамон, мақсади таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф ин омӯзиши ҳамаҷониба ва маҷмуии фаъолияти судҳои иқтисодӣ ва таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии ташаккул, марҳалаҳои такмили вазъи ҳуқуқӣ, фаъолият, хусусиятҳо, тафовут ва умумияти таҷрибаи судии иқтисодӣ, умумият ва вижагии мақоми ҳуқуқии судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ, инчунин омӯзиши муқоисавии қонунгузории ватанӣ ва давлатҳои аъзои ИДМ бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои якхела ва фарқкунанда, ки барои татбиқ намудан дар амалияи қонунгузории ватанӣ имконпазиранд, мақсади таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, дарки назариявии мавзуи диссертатсия дар доираи илмии кишвар ба таври зарурӣ баррасӣ карда нашудааст. Дар адабиёти ватанӣ таҳқиқоти алоҳида оид ба муайян намудани моҳияти ин падидаи мураккаб вуҷуд дорад, аммо ба таври комплексӣ масъалаи мазкур омӯхта нашудааст. Бинобар ин, мавзуи таҳқиқотии мазкур ҳамчун падидаи мураккаб ва муҳимми илмӣ ба таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ-таърихӣ эҳтиёҷ дорад.

**4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда:** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур ба он асоснок карда мешавад, ки бори аввал дар сатҳи илмӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ бо назардошти марҳилаҳои таърихӣ, рушди он дар заминаи муосири ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст. Пажуҳиши мукаммали мақоми ҳуқуқии конститутсионӣ, салоҳият, шаклҳои ташкилӣ ва принсипҳои фаъолияти он, инчунин омилҳое, ки алоқамандии ҳокимияти судиро бо дигар шохаҳои ҳокимият муайян менамоянд, имкон фароҳам меорад, ки сабабҳои объективӣ ва субъективии фаъолияти судӣ амиқан муайян карда шавад. Таҳқиқоти мазкур бошад, метавонад заминаҳои илмии асоснокро баҳри ҳалли мушкилоти ҷойдошта, инчунин такмили низоми судии иқтисодӣ ва таҳкими самаранокии фаъолияти он, пешниҳод намояд. Натиҷаҳои бадастомада аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд дар такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти судҳои иқтисодӣ истифода шаванд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия:** Натиҷаҳои диссертатсия дар ин мавзуъ аҳамияти баланди

илмӣ доранд, зеро таҳқиқоти таърихӣ ва назариявӣ доир ба фаъолияти судҳои иқтисодӣ кам таҳлил шудааст. Диссертатсия бо пурра кардани холигиҳо дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва мурофиавӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ муайян кардани марҳилаҳои таърихии ташаккули институти судҳои иқтисодӣ, таҳлили амиқи принсипҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи миллии Тоҷикистон дар маҷмуъ ба рушди илми ҳуқуқ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои овардашуда барои ташаккули фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар фазои ҳуқуқии Тоҷикистон ва ИДМ заминаи мустаҳкам мегузоранд ва метавонанд ҳамчун асос барои корҳои минбаъдаи илмӣ – аз ҷумла монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва барномаҳои таълимӣ хизмат кунанд.

**Аҳаммияти илмӣ.** Таҳқиқоти Зокирзода Нодира Иномҷон дар соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ навоварӣ дорад, зеро ин аввалин таҳқиқоти комплексии назариявӣ-ҳуқуқӣ дар бораи рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ аст. Муаллиф судҳои иқтисодиро ҳамчун унсури асосии таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо роҳи барқарорсозии адолат таҳлил карда, хусусиятҳои институтсионалӣ, ташкилӣ-функсионалӣ ва сохтории онро ошкор менамояд. Ин навоварӣ дар он аст, ки қаблан дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик бештар ба ташкил ва фаъолияти мақомоти судӣ диққат дода мешуд, вале на ба рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ.

**Аҳаммияти амалӣ.** Аз ҷиҳати амалӣ натиҷаҳои таҳқиқот барои такмили низоми судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон муҳиманд. Таҳқиқот бо пешниҳоди тавсияҳои мушаххас оид ба беҳтар кардани фаъолияти ҳокимияти судӣ, ба хусус судҳои иқтисодӣ ба монанди дастрасии шаҳрвандон ба адолати судӣ, таъмини мустақилияти судҳо, кам кардани монеаҳо ва такмили тартиби мурочиат ба судҳо барои ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодии конститутсионӣ, фаъолияти мақомоти судӣ, прокуратура ва адвокатура кӯмак мерасонад. Ин тавсияҳо метавонанд дар тағйироти қонунгузорӣ, омӯзиши ҳайати судяҳо ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ истифода шаванд. Дар натиҷа, самаранокии фаъолияти судҳои иқтисодӣ баланд гардида, ҳамзамон, сатҳи эътимоднокии шаҳрвандон ба низоми судӣ афзоиш меёбад.

**Аҳаммияти иқтисодӣ.** Аз нуқтаи назари иқтисодӣ аҳаммияти натиҷаҳо дар он аст, ки ҳимояи судии муассир ҳуқуқҳои молию иқтисодӣ ва моликиятии шахсро мустаҳкам мекунад. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ҳимояи боэътимоди ҳуқуқҳои моликиятӣ, шартномавӣ ва соҳибкорӣ ба беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Таҳқиқот бо пешниҳоди роҳҳои кам кардани коррупсия дар судҳо ва тезонидани мурофиаҳо хароҷоти

иқтисодии шаҳрвандон ва соҳибкоронро барои ҳалли низоҳо коҳиш медиҳад.

**Аҳаммияти иҷтимоӣ.** Аз ҷиҳати иҷтимоӣ натиҷаҳои диссертатсия барои ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва демократии Тоҷикистон дар самти судӣ аҳаммияти калон доранд. Ба ин тариқ, натиҷаҳои диссертатсия на танҳо дар доираи илми ҳуқуқ, балки дар сатҳи амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои пешрафти низоми ҳокимияти судӣ дар давлати ҳуқуқбунёди Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар диссертатсияи мазкур бо истифода аз маҷӯи усулҳои илмӣ-методологӣ, манбаҳои боэътимод ва таҳлили ҳамаҷонибаи маводи амалӣ анҷом дода шудааст. Методологияи таҳқиқот комилан илмӣ буда, усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, системавӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, моделсозӣ ва ғайраро дарбар мегирад. Усули таърихӣ имкон додааст, ки марҳилаҳои ташаккули институти судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ бо далелҳои мушаххас таҳлил карда шавад. Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ барои муайян кардани фарқиятҳо ва монандиҳои байни низомҳои судӣ дар фазои ИДМ ва стандартҳои байналмилалӣ асос гузошт. Ин усулҳо якҷоя дурустии хулосаҳоро таъмин карда, имкон доданд, ки натиҷаҳо аз ҳар гуна тасодуф ва субъективизм озод бошанд.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи манбаҳои боэътимоди илмӣ ва таҷрибавӣ, ба монанди адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузории Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, инчунин санадҳои ҳокимияти судӣ тасдиқ гардидааст. Таҳлили амиқу дақиқи ин маводҳо имкон медиҳад, ки натиҷаҳо бо далелҳои воқеӣ тасдиқ гардида, аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳуқуқӣ ба таври пурра дуруст бошанд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф бо истифода аз таҳлили ҳамаҷониба, далелҳои ҳуқуқӣ ва амалияи воқеӣ пешниҳодҳои мушаххаси назариявию амалиро барои такмил додани қонунгузории низоми судии кишвар таҳия кардааст. Ҳар як хулоса ва пешниҳоди муаллиф бо далелҳои боэътимоди илмӣ, таҳлили мантиқӣ ва таҷрибаи воқеии ҳуқуқтатбиқкунӣ асоснок гардида, барои татбиқ дар қонунгузорӣ ва фаъолияти судҳои иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқ заминаи кофӣ доранд. Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ ва амалӣ фарқ карда, барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ мувофиқ ва судманд мебошанд.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот зикргардида, ҳам барои ҳалли масъалаҳои умумии назариявии вобаста ба фаъолияти судҳои иқтисодӣ ва

ҳам барои таҳияи барномаҳои маҷмуии мақсаднок, ки ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва пурзӯр намудани самаранокии фаъолияти мақомоти судӣ нигаронида шудаанд, заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

**7. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муҳаққиқ Зокирзода Нодира Иномҷон дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи баланди навгонии илмии кор, масъалагузории илмӣ ва услуби навишти диссертатсия пурра тасдиқ мегардад. Ҳамаи нуқтаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд аз тарафи муаллиф асоснок карда шудааст.

Ҳамзамон, саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар навовариҳои илмии таҳқиқот, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ ва маърузарониҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муайян мегарданд. Илова бар ин, тарзи ифоданамоӣ, таҳлил ва ҳалли мушкилот дар раванди таҳқиқ ва услуби навишти рисола, саҳми шахсии муаллифро бозгӯӣ менамоянд. Инчунин, пажуҳишгар тавассути мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ доир ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди судҳои иқтисодӣ пешниҳодҳо манзур намудааст.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Зокирзода Нодира Иномҷон дар 8 мақолаи илмӣ инъикос гардида, ба масъалаҳои мубрам ва паҳлуҳои гуногуни «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишор тавсия шудаанд ва 4 мақола дар дигар маҷалаҳои илмии эълоншуда. Дар ин нашриёҳо натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Зокирова, Н.И. Ташкилёбӣ ва марҳилаҳои асосии инкишофи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистони то замони истиқлолияти давлатӣ [Матн] / Н.И. Зокирова // Маҷаллаи Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №3 (27). – С. 24-38; ISSN 2414 9217.

**[2-М].** Зокирова, Н.И. Низоми муосири судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: заминаҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти он [Матн] / Н.И. Зокирова // Маҷаллаи Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №4 (28). – С. 54-61; ISSN 2414 9217.

**[3-М].** Зокирова, Н.И. Низоми судҳои иқтисодӣ ва мавқеи онҳо дар низоми судӣ [Матн] / Н.И. Зокирова // Маҷаллаи Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №3. – С. 252-258; ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Зокирова, Н.И. Вазъи суди иқтисодии ИДМ дар таъмини рушди муносибатҳои байнидавлатӣ [Матн] / Н.И. Зокирова // Маҷаллаи Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. –№6. – С. 246-252; ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

**[5-М].** Зокирова, Н.И. Суди Олии иқтисодӣ дар низоми судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.И. Зокирова // Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон 9 декабри соли 2022 зери унвони «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз». – Душанбе, 2022. – С. 323-327.

**[6-М].** Зокирова, Н.И. Ташаккул ва инкишофи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Н.И. Зокирова // Маводи Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон: «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» аз 5 декабри соли 2023. – Душанбе, 2023. – С. 605-609.

**[7-М].** Зокирова, Н.И. Ҳокимияти судӣ дар низоми тақсимоти ҳокимияти давлатӣ [Матн] / Н.И. Зокирова // Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон шудани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ» аз 6 декабри соли 2024. – Душанбе, 2024. – С. 503-511.

**[8-М].** Зокирзода, Н.И. Мавқеъ, вазифа ва ваколатҳои судҳои иқтисодӣ дар низоми судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.И. Зокирзода // Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва қабул гардидани қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» аз 5 декабри соли 2025. – Душанбе, 2025. – С. 721-727.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Дар муқаддимаи пажуҳиши диссертатсионӣ Зокирзода Нодира Иномҷон аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ ба таври мушаххас асоснок гардида, сатхи таҳқиқоти мавзуъ дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шудааст. Дар баробари ин, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи асосии он муайян гардида, асосҳои назариявӣ

ва методологии он дақиқ карда шудаанд. Инчунин, вазифаҳои таҳқиқот ва унсурҳои навгонии илмии мавзуи таҳқиқшуда ба таври мушаххас нишон дода шудаанд. Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудааст, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва зарурииро барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

Сохтори рисолаи номзадии Зокирзода Нодира Иномҷон бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз муқаддима, 3 боб, 5 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 207 саҳифаро дарбар мегирад.

**Дар боби якум** – муаллиф рушди судҳои иқтисодиро дар масири таърих, таърихи пайдоиш ва марҳилаҳои асосии инкишофи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистони таърихӣ таваҷҷуҳ намудааст. Дар баробари баррасии рушди марҳилаҳои таърихӣ, инчунин муаллиф фаъолияти муосири судҳои иқтисодӣ ва рушди қонунгузориро вобаста ба самаранокии фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон, ки аҳаммият доранд, таҳлил намудааст.

Дарки адолати судӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон аз фаъолияти судӣ ва равандҳои омодасозии парвандаҳо ва баррасии онҳо таркиб ёфтааст. Ин раванди судӣ на танҳо омодасозии парванда ва қабули қарор ё ҳукм, балки иҷрои ҳукми қабулшударо низ дар бар мегирад. Сохтори қонунгузории кишвар аз замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон тадриҷан ба ислоҳот ва такмил бо истифода аз санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии замони Иттиҳоди Шуравӣ оғоз ёфт. Санадҳои қаблӣ дар марҳилаи аввал амал мекарданд, вале бо мурури замон ва баррасии он бо мақсади мутобиқсозии онҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ниёзҳои дохилӣ, тағйирот ворид гардид (с.28).

Муаллиф дар таҳқиқот муносибати нав ба рушди судҳои иқтисодӣ ҳамчун унсури муҳимми ҳифзи ҳуқуқи иқтисодӣ ва таъсиррасонӣ ба муҳити сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ пешниҳод гардидааст. Муаллиф тамоми қисматҳои таҳқиқотро аз интихоби мавзуъ, ҷамъоварии маълумот, таҳлили назария ва амалия, интихоб ва бандубасти мавзуъ, инчунин дар масъалагузориҳои таҳқиқи илмӣ, таҳияи хулосаҳо ва тавсияҳоро ба таври мустақилона ва бо такя ба методологияи илмии муосир анҷом додааст.

Дар натиҷаи омузиш ва таҳлилҳои муаллиф аён гардидааст, ки дар Тоҷикистон густариш ва рушди мақомоти судӣ аз соли 1924 ба давраи баъди Инқилоби Октябр рост омада, он дар низоми дузинагии судӣ – суди халқӣ ва Суди Олӣ амал мекард. Суди Олӣ мақоми болоиро нисбат ба суди халқӣ доро буда, баҳсҳои воридшударо бо мақсади ҳимояи

манфиатҳои аҳли ҷомеа ва таъмини пешбурди фаъолияти ҳуқуқӣ дар шакли кассатсионӣ мавриди баррасӣ қарор медод. Устувории давлат ва ниёзи он ба таъмини адолати судӣ бо оромии фазои ҳуқуқӣ робитаи зич дошта, чунин замина фароҳам меоварад, ки ҳокимияти судӣ мунтазам таҳким ва густариш ёбад (с.29).

Муаллиф таъкид менамояд, ки дар низоми судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодии инсон ва шаҳрванд унсури калидии давлати ҳуқуқбунёд мебошад, ки дар Конститутсия ҳамчун ҳуқуқи мустақими ҳар шахс муқаррар шудааст. Фаъолияти он ҳамчун як механизми универсалӣ ва мурофиавӣ баҳри таъмин, ҳимоя ва барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ амал мекунад.

**Боби дуюм** – доир ба омузиши мақоми ҳуқуқӣ, сохтор, салоҳиятҳо ва асосҳои фаъолияти суди иқтисодии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил равона карда шудааст. Ҳамзамон, дар таҳқиқот нишон дода шудааст, ки Суди иқтисодии ИДМ чун мақоми мустақили байнидавлатии судӣ, дар доираи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ фаъолият намуда, мавқеи хосро дар низоми ҳуқуқии минтақавии ИДМ доро мебошад.

Муаллиф қайд намудааст, ки давлатҳои аъзои ИДМ бо як зумра арзишҳои фарҳангиву диниашон ба ҳам муттаҳид гардида, зарурати такмил ва густариши низоми мурофиаи судӣ ва дар заминаи рушди муосири иқтисодӣ беҳтар намудани самаранокии қонунгузорӣ, тақвияти шаффофият ва ҳимояи ҳуқуқҳои субъектони муносибатҳои иқтисодӣ ба миён меоваранд. Воқеан, низоми самараноки фаъолияти судӣ дар таъмини адолат, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектони муносибатҳои иқтисодӣ ва ташаккули фазои мусоид барои сармоягузорӣ накши муҳимро мебозад (с.87).

Бояд тазаккур дод, ки мавриди таҳқиқот ва таваҷҷуҳ қарор додани рушди судҳои иқтисодӣ дар кишварҳои ИДМ ҳамчун ҷанбаи муҳим ва аҳамиятнок эътироф карда шудааст. Ин самти таҳқиқот имконият медиҳад, ки аҳамият ва хусусияти ҳамкории низоми судӣ бо рушди иқтисодӣ дар заминаи ИДМ амиқтар фаҳмида шавад.

Муаллифи диссертатсия ишора менамояд, ки масъалаҳои таҳким ва густариши фаъолияти мақоми судии байналмилалӣ дар вазъияти муосири рушди муносибатҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ аз тарафи суд амалӣ карда шуда, дар муттаҳидсозии ҳамкориҳои ҳамаҷониба аҳаммияти хосро пайдо мекунад. Барои фаъолияти судҳои иқтисодӣ таъмини моддии сохтори ташкилӣ, мавҷудияти судяҳои баландихтисос ба суд имкон медиҳад, ки дар баробари баррасии масъалаҳои иқтисодӣ, инчунин, дигар масъалаҳо, аз қабили татбиқи самараноки қонунгузорӣ

ҷиҳати боз ҳам босамар намудани фаъолияти онҳоро таъмин намояд. Воситаи асосии ҳалли масъалаҳои мазкур, пеш аз ҳама, дар боз ҳам устувор намудани мақоми судии ИДМ ба назар мерасад, ки ба самаранок намудани фаъолияти Суди иқтисодии ИДМ мусоидат менамояд. Рушду густариши минбаъдаи ИДМ бо таъмин намудани робитаҳои бевоситаи ҳамкориҳои иқтисодии давлатҳои иштироккунанда амалӣ гардида, бо шарҳу возеҳ додани меъёрҳои созишномаи байналмилалӣ ва иҷрои ухдадориҳои шартномавӣ ифода меёбад (с.89).

Дар *натиҷаи таҳқиқҳои гузаронидашуда*, муаллиф чунин ақидаронӣ намудааст, ки дар асоси талошҳои самараноки якҷояи давлатҳои аъзо бунёди заминаҳои ҳуқуқӣ ва мустаҳкам намудани самти фаъолияти Суди иқтисодӣ дар ИДМ, рушд намудани таҷрибаи судӣ, ташкили фаъоляити суд ва фаъолияти касбии судяҳо боз ҳам натиҷаи муваффақро зери назар овардааст. Бо дарназардошти ин, дар фазои ИДМ мақомоти байналхалқии судӣ амал мекунад, ки дар таҳкими заминаи ҳуқуқии ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ мусоидат менамоянд. Моҳият ва мақсадҳои ҳамкории байни давлатҳо, инчунин, функсия ва салоҳияти Суди иқтисодии ИДМ дар ҳалли баҳсҳои байнидавлатии иқтисодӣ дар доираи санадҳои ИДМ амалӣ мешаванд (с.91).

**Боби сеюм** аз таҳлили муфассали нақши судҳои иқтисодӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, махсусан дар заминаи фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ, муносибатҳои моливу иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бармеояд. Боби мазкур нишон медиҳад, ки судҳои иқтисодӣ на танҳо мақоми ҳалкунандаи баҳсҳои молиявӣ, балки ҳамчун як василаи муҳими таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар соҳаи иқтисод низ ба ҳисоб мераванд. Таҳким ва устувор намудани мақоми онҳо ва кафолати дастрасии баробар ба адолати судӣ яке аз омили муҳим барои рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёд мебошад.

Муаллиф таъкид менамояд, ки нақши судҳои иқтисодӣ дар таъмини ҳуқуқи инсон танҳо ба баррасии баҳсҳои иқтисодӣ маҳдуд намегардад, балки онҳо ҳамчун механизми муҳими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ низ баромад менамоянд. Судҳои иқтисодӣ тавассути баррасии одилона ва беғаразонаи парвандаҳо, татбиқи дурусти меъёрҳои ҳуқуқӣ ва таъмини баробарии тарафҳо дар мурофиаи судӣ метавонанд сатҳи эътимоди ҷомеаро ба ҳокимияти судӣ баланд бардоранд.

Ҳамчунин, муаллиф зикр мекунад, ки самаранокии фаъолияти судҳои иқтисодӣ аз омилҳое чун мустақилияти судяҳо, сатҳи касбияти онҳо, такмили қонунгузорӣ ва иҷрои саривақтии қарорҳои судӣ вобастагии зич дорад. Дар ин замина, зарурати ҷорӣ намудани ислоҳоти пайваста дар

низоми судӣ ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои байналмилалӣ махсус таъкид карда мешавад.

Бо дарназардошти ин, муаллиф ба хулоса меояд, ки таҳкими нақши судҳои иқтисодӣ метавонад ба беҳтар гардидани муҳити сармоягузорӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва таъмини ҳифзи самараноки ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:** Диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи: «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Зокирзода Нодира Иномҷон ба ихтисоси илмии дархостшаванда 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки дар диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи: «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» таҳқиқоти анҷомёфта мебошад.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия:** Дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончӣ:

1. Дар диссертатсия масъалаҳои баррасии баҳсҳои иқтисодӣ дар давраҳои қадим мавриди таваҷҷуҳи илмӣ қарор гирифтаанд, аммо таҳқиқ ва таҳлили муфассали онҳо дар доираи маҳдуд анҷом ёфтааст. Ин ҳолат боис мегардад, ки пайдарпайии таърихии рушди механизмҳои ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва заминаҳои ибтидоии ташаккули ин институтҳо нокифоя инъикос ёбанд. Ҷиҳати равшан намудани ҳолати мазкур, мувофиқи мақсад мебуд, ки масъалаҳои баррасии баҳсҳои иқтисодӣ дар давраҳои қадим бо фарогирии бештар ва ҷалби сарчашмаҳои таърихию илмии иловагӣ мавриди омӯзиши муфассал қарор дода шаванд.
2. Муаллиф дар параграфи аввали диссертатсия бештар ба мафҳуми арбитражи давлатӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, аммо алоқамандии он бо судҳои иқтисодӣ ба таври кофӣ равшан нагардидааст. Дар натиҷа, робитаи байни арбитражи давлатӣ ва судҳои иқтисодӣ равшан шарҳ дода нашудааст, бинобар ин, ҷойгоҳ ва нақши ҳар яки онҳо дар мавзуи таҳқиқот пурра фаҳмо намебошад. Бо дарназардошти ин, пешниҳод

мегардад, ки муаллиф алоқамандии таърихӣ ва ҳуқуқии арбитражи давлатӣ бо судҳои иқтисодиро муфассалтар баррасӣ намуда, гузариши институти арбитраж ба шаклҳои муосири судии ҳалли баҳсҳои иқтисодиро таҳлил намуда, дар рӯзи ҳимоя мавқеи худро доир ба ин масъала мушаххасан муайян намояд.

3. Муаллиф дар пажуҳиши иброз менамояд, ки «Яке аз афзалиятҳои назарраси Ҷумҳурии Қазоқистон ин ҷорӣ намудани медиатсияи ҳатмӣ дар марҳилаи пеш аз судии баррасии парвандаҳои иқтисодӣ мебошад, ки имкони коҳиш додани сарбории судҳо ва суръат бахшидани ҳалли баҳсҳо фароҳам овардааст» (саҳ 110). Аммо мафҳум ва моҳияти медиатсияи ҳатмӣ ва ҷанбаҳои татбиқ, механизми амалишавӣ ва имкони истифодаи чунин таҷриба дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ баррасӣ нагардидааст ба таври кофӣ шарҳ дода нашудааст.

Муаллифи диссертатсияро зарур аст, ки ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия ба ин масъала равшанӣ андозад.

Эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия:** Хулоса, рисолаи диссертатсионии Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат бо дараҷаи баланди илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) сазовор аст.

Тақризи муассиса дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-хуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Ғолиб Нурулло омода ва дар ҷаласаи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст (протоколи №10 аз 11 майи соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 11 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 11 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раискунандаи ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-
ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Каримзода У.К.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети №2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Қодирзода Ғ.Н.

**Котиби ҷаласа:**
сардори кабинети кафедраи фанҳои
давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
майори милитсия — Қурбонзода Ҷ.Ғ.

Имзои Каримзода У.К., Қодирзода Ғ.Н. ва
котиби ҷаласа Қурбонзода Ҷ.Ғ.-ро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия — Саидзода А.Р.

«11» 05 2026 с.

Суроға: 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3; тел: (+992 37) 226-60-42; Факс: (+992 37) 226-60-43; сомона: www.avkd.tj; E-mail: avkd.tj@mail.ru.